# ХУЛОСАИ

**Комиссияи экспертии 6D.КОА - 048 – назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» оид ба диссертатсияи Сангов Б.Ҷ. «Ҷанбаҳои муосири сирояти урогениталии хламидиявӣ дар мардони муҳоҷири меҳнатӣ (гурӯҳи хатари баланд)», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ пешниҳод гардидааст.**

Комиссия дар ҳайати доктори илмҳои тиб, Мухаммадиева К.М. (раис), доктори илмҳои тиб, профессор Исоева М.С. ва номзади илмҳои тиб Иноятова Н.А., эксперизаи аввалияи кори диссертатсионии унвонҷӯи МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» Сангов Б.Ҷ. «Ҷанбаҳои муосири сирояти урогениталии хламидиявӣ дар мардони муҳоҷири меҳнатӣ (гурӯҳи хатари баланд)»-ро, ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ пешниҳод гардидааст, гузаронида ба хулосаи зерин омад:

1. Кори диссертатсионӣ ба шифри 14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ мувофиқат менамояд ва мумкин аст барои ҳимояи расмӣ дар шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» қабул карда шавад.

Хламидиози урогениталӣ (ХУГ) паҳншавии глобалӣ ва дар байни бемориҳои ғайригонококковии узвҳои урогениталӣ мавқеи ниҳоят муҳим дорад. Яке аз сабабҳои муҳими афзоиши зиёди сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда (СБРАҶГ) солҳои охир на танҳо оризаҳое, ки бе муолиҷа ба безурриётӣ бурда мерасонанд, мебошанд, балки инчунин сироятҳои хламидиявӣ кофактори ВНМО-сироятӣ маҳсуб ёфта, сероконверсияи ВНМО аксаран ҳангоми сироятҳои ҳамроҳи хламидиявӣ сар мезанад. Кори диссертатсионӣ аҳамияти муҳими илмӣ-амалӣ дорад, зеро бори аввал

омилҳои минтақавие, ки ба пайдоиши гурӯҳҳои хатари баланд дар мардон ҷиҳати паҳншавии сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда мусоидат менамоянд, муқаррар карда шудаанд. Дар беморони ХУГ вайроншавиҳои масуние ошкор карда шуданд, ки бо тағйирёбиҳо дар ҳолати реактивнокии нишондодҳои иммунитети ҳуҷайрагӣ ва гуморалӣ ва дисбаланси ситокинҳо дар мардони бемори шаклҳои гуногуни клиникии ХУГ характернок мебошанд. Усули беҳтари муолиҷаи иммуномодиликунонидашудаи сирояти хламидиявӣ таҳия карда шудааст.

2. Аз рӯи мавзӯи диссертатсия 10 кори илмӣ ба нашр расонида шудааст, ки аз инҳо 4-тоаш дар маҷаллаҳои тиббӣ, 6 тезис дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва анҷуманҳо интишор ёфтаанд, ки дар онҳо қоидаҳои асосии кори диссертатсионӣ таҷассум ёфтаанд.

Дар мақолаи **«Ҳолати реактивнокии иммунологӣ дар беморони хламидиози музмини урогениталӣ»** // Маҷаллаи «Нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон». – 2012. - №1. – саҳ. 40-45 унвонҷӯ дар 68 беморони ХУГ-и музмин вайроншавиҳои иммунологиро омӯхта, маҳвшавии иммунитети ҳуҷайрагӣ (пастшавии миқдори Т-хелперҳо, Т-супрессорҳо) ва иммунитети гуморалӣ (сатҳи пасти иммуноглобулинҳои А ва М), инчунин, реактивнокии маҳаллии иммунологӣ (рақамҳои пасти миқдори иммуноглобулинҳои секретории А, G ва зерсинфҳои онҳо)-ро ошкор намудааст.

Дар мақолаи **«Истифодаи витапрост - плюс дар беморони простатити музмини бактериалӣ»** // Маводҳои маҷмуаи корҳои илмии донишҷӯён ва олимони ҷавони конфронси умумироссиягии илмӣ-амалӣ бо ширкати байналмилалӣ бахшида ба 70-солагии профессор А.А.Чумаков «Масъалаҳои мубрами илми тиб», Ярославь. - 2012. – саҳ. 196-198 нишондодҳои омӯзиши самаранокии муқоисавии витапрост-плюс ҳангоми муолиҷаи 33 нафар беморони простатити музмини бактериалӣ оварда шудаанд.

Дар мақолаи **«Таъсири ба равандҳои патологӣ ҷалбшавии шуъбаҳои гуногуни узвҳои урогениталӣ ба ҳолати реактивнокии иммунологӣ дар беморони хламидиози музмини урогениталӣ»** // Маводҳои конференсияи солонаи илмӣ-амалии МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон», 2013. саҳ. 90-95 унвонҷӯ исбот намудааст, ки тағйирёбии чӣ ҳолати реактивнокии иммунологии умумӣ ва чӣ маҳаллӣ (ғадуди узвҳои таносул) дар 55 нафар беморони хламидиози музмини урогениталии шуъбаҳои гуногуни узвҳои урогениталӣ исбот карда шудааст.

Дар мақолаи **«Ҷанбаҳои муосири сирояти урогениталии хламидиявӣ дар муҳоҷироне, ки простатити музмини бактериалии бо сирояти хламидиявӣ якҷояро муолиҷа менамоянд»** // Маводҳои конференсияи солонаи илмӣ-амалӣ бахшида ба 90-солагии таъсисёбии пойтахти Тоҷикистон, Душанбе. - 2014. – саҳ. 104-110 муаллиф самаранокии левофлоксатсинро дар 22 нафар мардони муҳоҷири бемори хламидиози музмини урогениталӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Муолиҷаи клиникӣ-этиологӣ дар ҳамаи беморон мушоҳида гардид, ки баъди итмоми муолиҷа гузаронида мешуд.

Дар мақолаи **«Хусусиятҳои вайроншавиҳои иммунологӣ ҳангоми хламидиози музмини урогениталӣ»** //Маҷаллаи «Паёми Сино». – 2014. - №2. – саҳ.74-78 унвонҷӯ статуси иммуологиро дар 42 бемори хламидиози музмини урогениталӣ ва 26 бемори уретрити музмини хламидиявӣ омӯхта, вайроншавиҳои ба ҳам монандеро мушоҳида намуд, ки бо камшавии нишондодҳои нисбии Т-лимфоситҳо, Т-хелперҳо, Т-супрессорҳо ва В-лимфоситҳо зоҳир гашта, ғайр аз ин тағйирёбии нишондодҳои НСТ-тест, Ig классҳои А ва М ба қайд гирифта шуд. Вайроншавиҳои иммунологӣ бештар дар беморони уретропростатити музмини хламидиявӣ намоён гашт.

Дар мақолаи **«Мубрамияти сироятҳои урогениталӣ дар Тоҷикистон»** // Маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистона». - 2015. - №2. - саҳ. 241-243 муаллиф ҷанбаҳои эпидемиологӣ ва иҷтимоии сирояти

урогениталиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми аз соли 2012 то соли 2014 мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар ин солҳо 23520 нафар беморон аз рӯи сирояти урогениталӣ муоина карда шуданд, ки аз онҳо 67,8 %-ро мардон ташкил медоданд. 61%-и беморон бо сабаби безурриётӣ, 25%-бардошт накардани ҳомиладорӣ муоина карда шуданд. Дар 36% Chlamydia trachomatis, дар 29,2% - Ureaplasma urealyticum, дар 9,3% - Trichomonas vaginalis ошкор карда шуд. СБРАҶГ дар бисёр ҳолатҳо дар якҷоягӣ ба назар расиданд. Бисёр беморон муҳоҷирони меҳнатӣ буданд, ки ин ба набудан ва ё нарасидани огоҳнокӣ дар бораи СБРАҶГ, оризаҳои онҳо ва пешгирии онҳо вобаста мебошад.

Дар мақолаи **«Клиникаи уретропростатити хламидиявӣ»** //Маҷаллаи «Авҷи Зуҳал». - 2019. - №1. – саҳ. 67-72. унвонҷӯ хусусиятҳои клиникаи уретропростатити музмини хламидиявиро дар 60 нафар мардони аз 18 то 48-сола омӯхтааст. Муайян карда шуд, ки нишонаҳои нисбатан зуд вохӯрандаи воқеии беморӣ дар 65%-и беморон – ҳиссиёти дарднок, дар 61,7% вайроншавиҳои функсияҳои шаҳвонӣ, нишонаҳои воқеии тарашшуҳот аз пешоброҳа дар 60% ва часпиши лабҳои пешоброҳа дар 48,3% беморон ба назар мерасад.

3. Имтиҳонҳои номзадие, ки Сангов Б.Ҷ. мутобиқи шаҳодатномаи № 481 супоридааст, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

4. Дар автореферати диссертатсия қоидаҳои асосии кори диссертатсионӣ таҷассум ёфтаанд.

5. Ба сифати муассисаи пешбар факултети тиббии Донишгохи миллии Тоҷикистон тавсия дода мешавад.

6. Ба сифати муқарризони расмӣ тасдиқ карда шаванд:

5. Ба сифати муассисаи пешбар факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода мешавад.

6. Ба сифати муқарризони расмӣ тасдиқ карда шаванд:

- доктори илмҳои тиб, профессор Қосимов О.И.
- номзади иолмҳои тиб Ҳомидов М.Ф.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои тиб,** **Муҳаммадиева К.М.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои тиб, профессор** **Исоева М.С.**

**номзади илмҳои тиб,** **Иноятова Н.А.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО

Муҳаммадиева К.М.
Исоева М.С.
Имзои Иноятова Н.А.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ
Сардори шӯъбаи кадрҳо
"24" 04 2020